# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холматзода Туйчи Бурихон дар мавзуи: «Асосҳои физикавию химиявии коркарди маъданҳои алюминийдори Тоҷикистон бо истифода аз кислотаҳои минералӣ ва усули гудохтан, барои ба даст овардани пайвастаҳои алюминий, оҳан, коагулянтҳо ва массаҳои фарфорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ).**

Кори диссертатсионии Холматзода Т.Б. ба омӯзиши асосҳои технологӣ барои коркарди маъданҳои алюмосиликатии Тоҷикистон тавассути усулҳои кислотагӣ ва гудохтакунӣ бахшида шудааст. Бо истифодаи усулҳои таҳлили химиявӣ ва рентгенофазавӣ таркиби химиявӣ ва минералогии маъданҳои пастсифат — аз ҷумла нефелинҳои сиенитӣ ва гилҳои каолинӣ, муайян карда шудаанд. Муаллиф дараҷаи баландтарини равандҳои таҷзияи ашёи хоми алюминийдорро муайян намуда, кинетикаи равандҳоро таҳлил кардааст ва нақшаҳои технологӣ барои ба даст овардани маҳсулоти арзишманд таҳия намудааст.

Аҳамияти тадқиқот дар он аст, ки талаботи рӯзафзун ба глинозём барои ширкати «ТАЛКО» дар Тоҷикистон зарурати рушди чунин технологияҳоро тақвият медиҳад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки натиҷаҳои ба дастомада боэътимод буда, хулосаҳо асоснок пешниҳод шудаанд. Муаллиф шароити оптималии коркарди маъданҳои алюминийдор аз ҷумла нефелинҳои сиенитӣ ва гилҳои каолиниро муайян намудааст. Ҳамчунин вобастагии ҳарорат, консентратсия ва вақтро барои истеҳсоли ҷузъҳои арзишманд аз маъданҳои дорои алюминий муайян кардааст.

Холматзода Туйчи Бурихон нақшаи технологӣ барои коркарди маъданҳои алюминийдор, аз ҷумла нефелинҳои сиенитӣ ва гилҳои каолиниро бо истифодаи кислотаҳои минералӣ таҳия намудааст. Пеш аз коркарди кислотагӣ, маъданҳо бо усули гудохтакунӣ фаъол гардонида шудаанд.

Ҳамчунин усули таҷзияи маъдан бо кислотаҳои минералӣ (хлорид, сулфат, нитрат ва ортофосфат) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Автореферати диссертатсия ба талаботи «Низомнома оид ба додани дараҷаҳои илмӣ» КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф Холматзода Т.Б. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) мебошад.

Дотсенти кафедраи «Химияи умумӣ
ва ғайриорганикӣ»-и Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба
номи С. Айнӣ, н.и.х., дотсент Низомов И.М.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Тел.: (+992) 877-07-07-45,
E-mail: isokhon@mail.ru

Имзои н.и.х., дотсент Низомов И.М.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.
«22» 01 2026 сол